آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

30 марти соли 2022
Чоршанбе
№ 25 (14830)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ДАВРАИ НАВИ РУШДИ ҲАМКОРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ ОҒОЗ МЕЁБАД



**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған 29 март бо боздиди расмӣ ба кишвари мо омад.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии Тошканд, ки бо парчамҳои давлатии ду кишвар оро дода шудаанд, Президенти Ҷумҳурии Туркия ва ҳамсари ўро Президенти Ўзбекистон бо ҳамсараш пешвоз гирифт.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Туркия дар ҷаҳон аввалин шуда истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистонро ба расмият шинохт. Соли 1996 кишварҳои мо ба Шартномаи дўстӣ ва ҳамкории абадӣ имзо карданд. Халқҳои моро решаҳои амиқи таърихӣ, ягонагии дин, шабоҳати забон, арзишҳо ва урфу одатҳо ба ҳам зич мепайвандад. Муносибатҳои дўстии Ўзбекистону Туркия имрўзҳо дар асоси эътимоди мутақобила фаъолона таҳким меёбанд.

Раҳбари Туркия якҷоя бо сарвари давлатамон ба боғи «Янги Ўзбекистон» («Ўзбекистони Нав») омада, ба Муҷассамаи истиқлолият гул гузошт. Азнаваргузаронии мухтасари маҷмўи нав барпо гардид, ки дар рафти он ба меҳмони олӣ дар бораи таърих ва мазмуни дар маҷмўъ инъикосёфта нақл карда шуд.

Бояд гуфт, ки маросими гулгузорӣ дар боғи «Янги Ўзбекистон» («Ўзбекистони Нав») аз ҷониби роҳбари давлати хориҷӣ бори аввал баргузор гардид ва дар оянда ба як нуқтаи анъанавии зиёрати меҳмонони кишварамон табдил додани он пешбинӣ шудааст.

Чорабиниҳои асосии ташриф дар қароргоҳи «Кўксарой» баргузор гардиданд. Ба шарафи меҳмони олӣ қаровули фахрӣ саф орост. Шавкат Мирзиёев ва Реҷеп Таййип Эрдоған ба минбар баромаданд. Гимнҳои давлатии Ўзбекистон ва Туркия садо доданд. Аз пеши сарони давлатҳо хизматчиёни ҳарбии Қаровули фахрӣ бо марши тантанавӣ гузаштанд.

Дар ин маросим аъзои ҳайатҳои расмии ду кишвар ширкат доштанд.

Пас аз маросими истиқболи расмӣ дар қароргоҳи «Кўксарой» Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған дар доираи танг музокирот намуданд.

Сарони ду кишвар доир ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Туркия, ки ба пояи эҳтиром, дўстӣ ва эътимоди мутақобила асос ёфтаанд, табодули афкор намуданд.

Зимни суҳбат ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи шарикии стратегӣ, тавсеаи равобити сиёсӣ, байнипарлумонӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарии ду кишвар таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир гардид.

Солҳои охир ҳамкории дуҷониба ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфт. Созишномаҳое, ки дар сатҳи олӣ ҳосил шудаанд, пайваста амалӣ мешаванд. Дар сатҳи ҳукуматҳо, вазорату идораҳо, инчунин минтақаҳои ду кишвар робитаҳои доимӣ барқарор карда мешаванд.

Шавкат Мирзиёев ва Реҷеп Таййип Эрдоған қайд намуданд, ки самти муҳими ҳамкории Ўзбекистон ва Туркия минбаъд вусъат додани равобити тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ тавассусти татбиқи лоиҳаву барномаҳои кооператсионӣ мебошанд.

Дар ин замина зарурати татбиқи иқтидори бузурги мавҷуда ва имкониятҳои ҷонибҳо, аз ҷумла тавассути фаъолона ба кор бурдани механизми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ қайд карда шуд.

Зимни табодули афкор роҷеъ ба рўзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷонибҳо шабоҳати мавқеъҳои худро баён доштанд. Азми идомаи ҳамкориҳои дуҷониба дар чаҳорчўби ниҳодҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ изҳор гардид.

Мувофиқи барнома ҷаласаи дуюми Шўрои ҳамкориҳои стратегии сатҳи олии Ўзбекистону Туркия баргузор гардид.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев раҳбари Туркияро хайрамақдам гуфта, аз сатҳи ҳамкорӣ, таҳкими ҳамкории байни парлумонҳо, мақомоти давлатӣ, доираҳои корчаллонӣ ва ҷамъиятии ду мамлакат изҳори қаноатмандӣ кард.

Сарвари давлатамон таъкид намуд, ки Ўзбекистон аз минбаъд вусъат додан ва таҳкими муносибатҳои серҷанбаи Ўзбекистону Туркия манфиатдор аст.

Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған алоҳида таъкид кард, ки шарикии стратегии миёни ду кишвар, ки ба пояи равобити хонаводагӣ асос ёфтааст, дар ҳама соҳаҳо, дар фазои эътимод ва эҳтироми мутақобила ривоҷ меёбад.

Мубодилаи сафарҳои расмӣ ва робитаҳои мунтазами раҳбарони ду кишвар ба таҳкими муколамаи созандаи сиёсӣ мусоидат намуда, барои шарикии судманди амалӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овард.

Алоқаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ босуръат инкишоф меёбанд. Ҳамин тариқ, дар солҳои охир додугирифти мутақобила 2,5 баробар афзоиш ёфта, аз 3,6 миллиард доллари ИМА гузашт. Шумораи корхонахои муштарак 5 баробар афзуда, аз 2000 гузашт. Нишондиҳандаҳои ҳамкории сармоягузорӣ 70 баробар афзуданд.

Ҷонибҳо ҷиҳати густариши ҳамкориҳои дуҷониба самтҳои афзалиятноки густариши минбаъдаи ҳамкориро, аз ҷумла дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, нақлиёт, саноати нассоҷӣ, энергетика, кишоварзӣ, тандурустӣ, табодули фарҳангу гуманитарӣ муфассал баррасӣ намуданд.

Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаҳо дар доираи ислоҳот дар Ўзбекистон, ҳамкории пайваста оид ба ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ, амиқгардонии ҳамкорӣ дар соҳаи илм, таълим, санъат, кино, сайёҳӣ ва иттилоот ба мувофиқа расиданд.

Бо дарназардошти миқёси ҳамкориҳо ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки муносибатҳои дуҷонибаро ба сатҳи нав – шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ расонанд.

Дар хотимаи музокирот Реҷеп Таййип Эрдоған Шавкат Мирзиёевро барои иштирок дар ҷамъомади навбатии Шўрои ҳамкории стратегии дараҷаи олӣ ба Туркия даъват кард.

Дар доираи ташрифи Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған ба кишварамон боз як рўйдоди муҳим – маросими ба кор даровардани неругоҳи замонавии барқии ҳароратӣ дар вилояти Тошканд, оғози лоиҳаи сохтмони неругоҳи ба ин монанд дар вилояти Сирдарё ба амал омад. Лоиҳаҳоро ширкати туркии «Cengiz Enerji» амалӣ мекунад.

Дар маросим Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев суханронӣ карда, ба аҳамияти лоиҳаҳо таваҷҷуҳ намуда, қайд кард, ки ин маҷмўъҳо таҷассуми равшани ҳамкориҳои Ўзбекистону Туркия дар соҳаи иқтисодӣ гардидаанд. Махсусан таъкид гардид, ки танҳо дар як соли охир дар якҷоягӣ бо ширкатҳои туркӣ 5 лоиҳаи бузурги энергетикӣ амалӣ карда шуд, ки ба иқтисодиёти босуръат рушдёбандаи Ўзбекистон муҳим мебошанд. Аз ҷумла, иқтидори умумии ин неругоҳҳо бо назардошти тарҳҳои имрўза ба 1,4 ҳазор мегаватт мерасад.

Зимнан зикр гардид, ки ба туфайли таҷдиди соҳаи энергетикаи Ўзбекистон то соли 2026 дар заминаи шарикии давлатию хусусӣ 20 лоиҳа ба маблағи 12 миллиард доллар ба роҳ монда мешавад. Ин лоиҳаҳо ба таври илова 71 миллиард киловатт-соат қувваи электр медиҳанд. Дар як сол 12 миллиард мукаабметр гази табиӣ сарфа карда мешавад.

Сарвари давлатамон ба муҳандисон ва бинокорон, ки дар сохтмони неругоҳи барқӣ ширкат кардаанд, миннатдорӣ баён кард. Сипас, президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Реҷеп Таййип Эрдоған бо пахши тугмаи рамзӣ дар вилояти Қибрай неругоҳи барқи ҳароратиро ба кор андохтанд ва ба сохтмони НБҲ дар вилояти Хавос оғоз бахшиданд.

Иқтидори неругоҳи барқии ҳароратӣ, ки дар ноҳияи Қибрайи вилояти Тошканд сохта шудааст, 240 мегаватт аст. Неругоҳи барқӣ соле 2 миллиард киловатт-соат энергия ҳосил мекунад.

Иқтидори неругоҳи барқии нав дар ноҳияи Хавоси вилояти Сирдарё 220 мегаватт буда, дар як сол 1,7 миллиард киловатт-соат нерўи барқ тавлид хоҳад кард.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған дар поёни ҷамъомади дуюми Шўрои ҳамкории стратегӣ дар дараҷаи олӣ ба Изҳороти муштарак имзо гузоштанд.

Ғайр аз ин дар дараҷаи ҳукуматҳо, вазоратҳо ва идораҳои ду мамлакат 9 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки минбаъд вусъат бахшидани ҳамкории бисёрҷанбаи ҷонибҳои Ўзбекистону Туркияро пешбинӣ менамояд. Аз он ҷумла:

– Муоҳида дар бораи савдои имтиёзнок;

– Баёнот дар бораи табодули пешакии маълумот дар бораи ҳаракати амвол ва воситаҳои нақлиёт аз тариқи сарҳадҳои давлатӣ;

– Ёддошт дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ дар бобати ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл;

– Ёддошт дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи экспертизаи суд;

– Ёддошт дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ дар соҳаи сохтмон;

– Нақшаи кор барои солҳои 2022-2023 байни вазоратҳои тандурустӣ;

– Муоҳида дар бораи ҳамкории байни Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон ва агентии «Анадолу»-и Туркия ва ғайра.

Дар поёни ҷамъомади дуюми Шўрои ҳамкории стратегӣ дар дараҷаи олии Ўзбекистону Туркия брифинг барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ баргузор шуд.

Дар баромади худ Президент Шавкат Мирзиёев халқҳои бародари ду мамлакатро бо ҷашни Наврўз ва фарорасии моҳи муқаддаси Рамазон табрик намуд, муштаракоти таърихи онҳо ва рушди имрўзаро таъкид кард.

– Мамлакатҳоямон дар чорроҳаҳои Роҳи бузурги абрешим воқеъ гардида, аз қадим чун риштаҳои пайвандкунандаи роҳҳои тиҷорати байни Осиё, Аврупо ва Африқо шуҳрат доранд. Сарфи назар аз он ки имрўз халқи бародари турк аз Ўзбекистон ҳазорҳо километр дур аст, мо аз лиҳози наздикии забон ва арзишҳои маънавӣ қарин ҳастем. Мо дорои решаҳои таърихии ягона, умед ва кўшишоти муштарак ҳастем, – гуфт Президенти Ўзбекистон.

Шўрои ҳамкории стратегии дараҷаи олӣ дар рушди робитаҳои дўстона ва ҳамкории амалӣ саҳми бузург гузошта, ҷамъомади имрўза дар таърихи шарикии ду мамлакат саҳифаи нав кушод.

– Дараҷаи муносиботи олии имрўзро байни мамлакатҳоямон ба инобат гирифта, мо қарор намудем, ки мақоми онро то шарикии стратегии фарогир баланд бардорем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Барои барқарор намудани ҳамкории зич дар масъалаҳои рушди механизми шарикии давлативу хусусӣ таваҷҷуҳ вуҷуд дорад.

Соли гузашта дар Анқара ва Истанбул Рўзҳои маданияти Ўзбекистон баргузор гардиданд. Имсол ташкил намудани Рўзҳои маданияти турк дар Тошканд ва Самарқанд ба нақша гирифта шудааст.

Дар мамлакатамон таваҷҷуҳ ба омўзиши забони туркӣ меафзояд. Факултети туркшиносии Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд босамар фаъолият дорад.

Ба қарибӣ дар Тошканд асари «Дада Коркут» («Китоби бобоям Коркут») ба забони ўзбекӣ нашр гардид, ки намунаи нодири мероси мадании тамоми халқҳои туркӣ мебошад. Ин китоби арзишманд, ки аз даҳҳо достон иборат аст, дар бораи таърихи пуршаън, мардонагӣ ва ҳикмати гузаштагонамон далолат менамояд.

Роҳбари давлатамон нусхае аз ин китобро ба Президенти Туркия ҳадя намуд.

– Ташрифатон саҳми бузурге дар кушодани имконоти васеъ барои рушди ҳамкориҳоямон гардид. Дарҳои Ватани гузаштагонатон барои Шумо ва тамоми бародарони туркамон ҳамеша боз аст, – гуфт пешвои Ўзбекистон.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған дар Хиёбони меҳмонони ифтихорӣ дар қароргоҳи Кўксарой якҷоя ниҳол шинонданд.

Имсол аз барқарор гардидани муносиботи дипломатӣ 30 сол мегузарад ва аз барқарор гардидани шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва Туркия 5 сол пур мегардад. Аз ин рў ниҳол рамзи оғози марҳалаи нав дар рушди ҳамкорӣ ва муштаракоти азми неки халқҳоямон мегардад.

Дар хиёбон ниҳолҳое низ ҳастанд, ки аз ҷониби роҳбарони дигар мамлакатҳои шарик шинонда шудаанд.

Ташрифи расмии Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған ба мамлакатамон давом дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

---

*Фикри депутат*

# ДАР КИШВАРЕ, КИ ИНСОН ГИРОМӢ ДОШТА МЕШАВАД, ПЕШРАВӢ ҲАСТ

***Инсоният дар ин рўзҳо давраи хеле душворро аз сар гузаронда истодааст. Нооромиҳо дар баъзе аз минтақаҳои ҷаҳон, ҳодисаҳои табиат гўё кам аст, коронавирус, ки ба ҳаёти ҳазорон одам зомин шудааст, ду сол боз инсониятро маҷбур мекунад, дар зери маҳдудият зиндагӣ кунад. Ҳарчанд ин беморӣ имрўз то андозае коҳиш ёфтааст, хатар ҳанўз вуҷуд дорад. Баъзе кишварҳо мушкилоти пандемияро паси сар карда, иқтисодиёти худро барқарор карда тавонистаанд. Бисёре аз кишварҳо то ҳол аз бўҳрон берун нашудаанд.***

Коронавирус ба Ўзбекистон, ки як ҷузъи иқтисоди ҷаҳонӣ аст, низ таъсири ҷиддӣ расонд. Ин барои кам кардани оқибатҳои пандемия андешидани чораҳои фаврӣ ва самаранокро талаб мекунад. Аз ҷумла, нигоҳ доштани устувории макроиқтисодӣ, таъмини фаъолияти бефосилаи бахшҳо ва соҳаҳо, ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, пешгирии коҳиши даромадҳо, фароҳам овардани имтиёзу сабукиҳо ба соҳибкорон тадбирҳо андешида шуданд.

Дар натиҷа аз талафоти ҷиддӣ пешгирӣ карда шуда, устувории иқтисодиёти Ўзбекистон таъмин карда шуд. Соли гузашта иқтисодиёти мамлакат 7,4 фоиз, даромади куллӣ 24,2 фоиз ва даромади ҳар сари аҳолӣ 15,4 фоиз афзуд. Аммо шароити тағйирёбандаи имрўза боз ҳам тезондани корро дар ин соҳа талаб мекунад. Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 март зимни суханронӣ дар ҷамъомад бахшида ба баррасии чораҳои таъмини устувории иқтисодӣ, таъкид кард, ки вазъияти ҳозираи рушди иқтисодиёти мамлакат андешидани чораҳои иловагиро талаб мекунад.

– Дар давраи пандемияи коронавирус қарорҳои оид ба аз шароити вазнин баровардани тамоми соҳаҳо қабулкардаи мо самараи худро доданд. Ҳатто дар шароити кунунӣ, мо бояд хатарҳоро пешгўӣ карда тавонем. Мо бояд чораҳои аниқро муайян кунем, то ки воқеаҳои ҷаҳон ба натиҷаҳо таъсири манфӣ нарасонанд. Аз ҷумла, моро лозим аст, ки барои соҳибкорон шароит фароҳам оварем ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ кунем, – таъкид кард Сарвари давлат.

Дар ҷаласа ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки ҳар рўз бо соҳибкорон мулоқот карда, лоиҳаҳои онҳо, фаъолияти истеҳсолӣ, амалиёти содироту воридоти онҳоро пешбарӣ намоянд. Вазифа гузошта шуд, ки барои пешгирии хатарҳои эҳтимолӣ тавассути роҳандозии мониторинги ҳамарўза дар шабака ва минтақаҳо чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Қайд карда шуд, ки сохтори қарздиҳии револверӣ ба корхонаҳо барои пур кардани маблағи муомилот боз ҳам сода карда шавад.

Бояд эътироф кард, ки соли 2021 гардиши савдои хориҷии кишвар нисбат ба соли 2020 16 фоиз ва содирот 10 фоиз афзуд. Соли ҷорӣ боз ҳам зиёд кардани ин нишондодҳо ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа муайян шудааст. Бинобар ин дар ҷамъомад ба ин масъала низ диққати калон дода шуд. Аз ҷумла, дастурҳо оид ба ҳалли масъалаҳои нақлиётию логистикии корхонаҳои содиркунанда, васеъ намудани амалиёти қисман баргардонидани хароҷоти нақлиёти онҳо дода шуд.

Маълум аст, ки шароите ба мисли тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ, нарасидани об, хушксолӣ талаботро ба озуқаворӣ дар ҷаҳон якбора зиёд мекунанд. Дар зери таъсири пандемия мушкилот боз ҳам ҷиддитар шуд. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, шумораи одамоне, ки ба серӣ хўрок намехўранд, имрўз ду баробар афзуда, ба беш аз 1,6 миллиард нафар расидааст.

Таъмини аҳолӣ бо озуқаи зарурӣ ва босифат, пешгирии болоравии нарх дар бозорҳо яке аз самтҳои афзалиятноки кишвари мо мебошад. Ин масъала низ дар рўзномаи маҷлис буд. Ба Девони Вазирон оид ба таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ бо роҳи таъмини устувории нархҳо дар бозори дохилӣ ва мусоидат ба соҳибкороне, ки гандум, равғани растанӣ, шакар ва дигар маҳсулоти озуқавориро ворид мекунанд, супоришҳои иловагӣ дода шуд.

Инчунин, ба Бонки марказӣ супурда шуд, ки бо назардошти вазъияти номуайян дар бозори хориҷии асъор дар таъмини устувории бозори дохилии асъор ва тағйирпазирии қурби асъор эҳтиёткорона муносибат зоҳир намояд. Таъкид карда шуд, ки ҳамарўза вазъи бозори дохилии асъорро зери назорат гирифта, соҳибкорон ва мардумро аз вазъи имрўза, тағйироту чораҳои пешбинишуда огоҳ кардан зарур аст.

Албатта, мақсад аз ҳамаи тадбирҳо таъмини ҳаётбахши тамоюли «Барои қадри инсон» мебошад. Яъне, ҳар як шаҳрвандро аз эътибор дур накарда, аз ҳаёти имрўзааш розӣ кардан иборат аст. Ва дар кишваре, ки қадри инсон гиромӣ дошта мешавад, бешубҳа пешравӣ мешавад. Барои ин мо бояд дар ҳама гуна вазъияти душвор сулҳу оромии кишварро нигоҳ дорем, қадри онро донем, далерона ва устуворона амал кунем.

**Ҷамшед ҚОСИМОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

---

# ҶАМЪОМАДИ ИДОНА

***Чанде пеш бо ташаббуси Маркази миллию мадании тоҷикони шаҳри Чирчиқ "Суғдиён" ҷашни Наврўз бо шукўҳ ва шаҳомати хосса гузаронда шуд.***

Ба баргузории ин ид одамони касбу кори гуногун даъват шуда буданд. Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳозирин ва ба туфайли онҳо кулли мардуми кишварамонро бо ҷашн муборакбодӣ гуфт. Ҳамчунин аз дўстии байни миллатҳои ўзбеку тоҷик изҳори қаноатмандӣ намуда, дар оянда бардавом мондани ҳамбастагии ин ду халқро зикр кард.

Сипас, ба давра мудири шўъба оид ба корҳои маҳаллаи ҳокимияти шаҳри Чирчиқ Сайёра Файзиева даъват карда шуд. Мизбон аввалан ташрифи сафирро ба Чирчиқшаҳр хайра мақдам гуфта, тавассути вай Наврўзи оламро ба тамоми мардуми Тоҷикистон ҳам муборак гуфт. Ҳамин тавр якчанд нафар аз меҳмонон, ин пайки хуши баҳорӣ – Наврўзи оламороро табрик гуфтанд.

Пас аз он қисми бадеии ҷашн оғоз гардида, овозхонон Суннат Само, Баҳодур Умарзода, Лазиз Шораҳметов бо навбат ба саҳна баромада, суруду таронаҳо хонданд. Баромади хонандагони синфҳои якум, ки роҳбари синфашон Фарида Назирова тайёр кардааст, хеле хотирмон буд. Хонандагон аз ашъори шоирони тоҷик шеърҳо қироат намуданд. Баромади духтараки дўстрўяк Кумушхон Мирзоаҳмадова, ки либоси миллӣ дар бар дошт, ҳусни давраро дучанд гардонд. Вай ба тоҷикӣ доир ба Наврўз суруд хонда, бо рақси яккааш ҳозиринро хурсанд кард. Рақси суннатии "Остинча", ки аз ҷониби донишҷўёни Донишкадаи омўзгории Чирчиқ иҷро карда шуд, хеле ҷолиб буд.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».**

*Вилояти ТОШКАНД.*

# ҶАВОНОНИ СОҲИБКОРИ ВАРЗИК

Дар маркази деҳаи Варзик биноҳои баландошёна сершуморанд. Дар онҳо идораю муассисаҳои давлатӣ, маркази таълим, шохобчаҳои савдою хидматрасонии маишӣ, ошхона, корхонаҳои хусусии гуногунсоҳа, дар поёнтар аз маркази деҳа, дар каноре осиёбу фурӯшгоҳи еми омехта ҷойгиранд. Дар ҳамаи ин коргоҳҳо ҷавонон меҳнат мекунанд. Аз ҷумла, дар ошхонаи Ҷӯраевҳо як роҳбару коргузор, ду ошпаз, як кабобпаз ва зани зарфшӯй дар хидмати мизоҷонанд.

Ҳар шахс соҳиби касб ё ҳунар шуданаш шарт аст. Ин ҷараён ба даври мактабхонӣ вобаста аст. Бобурбек Ҳакимов дар таълимгоҳ ба ин одату анъана пеш омада буд. Вай дар маърифатгоҳи рақами 13-уми деҳаи Варзик, ки падараш Салимҷон Аминов омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ буд, таҳсил мегирифт. Ӯ падарашро, ки ба наврасон бо чобукӣ машқу бозиҳои ҷисмониро меомӯхт, мушоҳида мекард. Ҳаваси ин касб дар дилаш беш аз пеш ошён мегузошт.

Баъди хатми мактаб Бобурбек ба бахши тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Фарғона ҳуҷҷат супурд, аммо бахташ омад накард.

Ба деҳа баргашт. Лозим омад, ки то соли ояндa ба хондан тайёрӣ бинад.



Бобурбек дар овони мактабхонӣ вақти холиашро дар устохонаи Тоҳирҷон Фахриддинов бо ҳунаромӯзӣ гузаронд. Устоду шогирд аз тахтаю тирак сар карда, то дару тиреза 10 хел ашёи чӯбинро сохта, ба эҳтиёҷи мардум пешниҳод менамуданд. Ҳамин тариқ, Бобурбек ҳам ҳунар омӯхт ва ҳам барои дохил шудан ба мактаби олӣ тайёрӣ дид.

Дертар устоди дуредгар Фахриддинов бо боварии том устохонаро пурра ба шогирди соҳибҳунараш супурда, худаш ба ҷойи дигар ба кор рафт. Устохона дар бинои иҷоравии идораи маҳаллаи Қалъаи Поён қарор дошт. Барои пурра кардани ҷиҳози кор Бобурбек аз «Микрокредитбанк»-и шаҳри Чуст ба мӯҳлати якуним сол қарзи кӯтоҳмуддат ба миқдори 20 миллион сӯм гирифт.

Аз аввал ба сифату зебоии ашё эътибор ҷиддӣ буд, то ҳозир чунин аст. Барои ҳамин эҳтиёҷмандон маснуоти устохонаро бо майлу хоҳиш қабул мекунанд.

– Аз пайи ҳунармандӣ кам нашудам, – гуфт Бобурбек, – бо меҳнат кардану ҳам тайёрӣ дидан ба факултаи молия ва ҳисоби Донишкадаи молияи Тошканд ғоибона, дар асоси шартнома дохил шудам.

– Орзуи ту муаллими тарбияи ҷисмонӣ шудан буд-ку? – пурсидем аз ӯ.

– Ман худро барои санҷидан ба он донишкада рафтам, ки дохил шуда метавонам ё не? Хайрият, қабул карданд.

Санҷарбек Қурбонбеков дӯсту ҳамсабақи Бобурбек Ҳакимов мебошад. Онҳо дар як синф хонданд, ба воя расиданд. Санҷарбек низ монанди рафиқаш Бобурбек ҳавасманди варзишу талошҳои он буд, барои соҳиби касби дӯстдоштааш шудан ба факултаи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Намангон рафт, вале донишу малакааш кифоят накард.

Бобурбек дӯсти наздикаш Санҷарбекро ба кор даъват намуд. Ду сол аст, ки Санҷарбек ҳамкору ҳаммақсади рафиқаш аст.

– Ман ҳам нияти дар факултаи таълими ибтидоии ҳарбии Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил гирифтан дорам. Таҳсилу фаъолияти меҳнатиро давом доданиам, – гуфт ҳангоми суҳбат Санҷарбек.

Коргоҳи чӯбкории Бобурбек се сол боз дар ҷараёни кор аст.

– Бо дархости замон, – нақл мекунад соҳибкор, – эҳтиёҷ ба масолеҳи чӯбини бинокорӣ кам шуд. Барои ҳамин бо фармоишҳо дару тирезаҳои сифатдор сохта, ҳам деворҳои истиқоматгоҳҳои халқро рӯйкаш карда истодаем. Ин маводи алюминиро бо мошини худамон аз шаҳри Чуст меоварем. Асбобҳои зарурӣ ҳозир кунем, «АКФА»-и пластикиро ҳам ба кор мебарем. Фармоишҳо барои хариди маснуотамон дар деҳаи Варзик ва берун аз он ҳам ҳастанд. Аз шаҳри Намангон низ талабгорон бисёранд. Минбаъд коргоҳро алоҳидаву васеъ карда, усули зарури чӯбкориро фарохтар ба роҳ мемонем. Анъанаи устоду шогирдиро давом дода, то 50 нафар ҷавононро ба кор ҷалб мекунем.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

***Дар сурат:*** *рафиқони соҳибҳунар дар сари кор.*

**Ба кишвари озод ободӣ мезебад, дар ҷойе, ки ободӣ ҳаст, файзу баракот мешавад. Аҳолии ноҳияи Чуст дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт фаъол ҳастанд. Дар он ҷо бунёд ёфтани манзилҳои истиқоматӣ, тармим ва васеъ намудани роҳҳо, ободу сабз гардондани хиёбонҳо, фаввораҳои зебо, умуман, корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар авҷ.**

# САҲМ БАРОИ РУШДИ САНОАТИ ЧУСТ

Роҳбари давлат дар ҳар як мурoҷиати худ таъкид мекунад, ки барои ҳар яки мо маҳалла ватани кӯчак аст, осудагиву шукуфоии маҳалла осудагиву шукуфоии мамлакат аст. Имрӯз дар натиҷаи ба амал баровардани ислоҳоти васеъмиқёс ободу зебо гардондани на фақат маҳалла, балки хонадонҳо низ ба кори ҳаррӯзаи онҳо табдил ёфтааст. Ҳар як бинои ҷамоати шаҳрвандони ноҳияи Чуст зина ба зина симои меъмории навро соҳиб мегардад. Соли гузашта дар чаҳорчӯбаи барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия ба 127 лоиҳа 687, 7 млрд. сӯм сарф шуда, 2831 ҷойи нави кор созмон ёфта бошад, соли ҷорӣ дар соҳаи саноат, кишоварзӣ ва хидматрасонӣ барои 134 лоиҳа 2920,8 млрд. сӯм сарф хоҳад шуд ва 6662 ҷойи нави кор ба амал меояд. Ба амал баровардани чунин лоиҳаҳои истиқболнок аз ҷониби ҶММ “Намангон-семент”, ҶММ “Factory cement”, “Минтақаи иқтисоди озоди Намангон”, “Chust poyafzal” ва ғайра пешбинӣ шудааст. Таклиф ва тавсияҳои Президент ба соҳибкорон ва барои дастгирии онҳо офаридани як қатор имтиёзҳо, ки дар мулоқоти онлайн 20 августи соли 2021 ба амал омада буд, соҳибкорони чустиро низ рӯҳбаланд сохт. Имрӯз дар ҳар як маҳалла доир ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, таъмини аҳолӣ бо шуғл, баровардан аз камбизоатӣ таъин кардани ёрдамчии ҳокими ноҳия ба аҳолӣ як қатор сабукиҳоро фароҳам овард. Ба 70 маҳаллаи ноҳия ба вазифаи ёрдамчии ҳоким ходимони бомалакаи ҳокимият, идораҳои бонк, андозу молия, инвеститсияро таъин намуданд. Дар корхонаҳои бузурги оилавии “Ӯктамҷон сервис”, “Ал-боис” ва “Аббос-идеал”, ки маҳсулоти трикотаж истеҳсол менамоянд ва ба давлатҳои хориҷа содир мегарданд, занону духтарони ноҳия кор мекунанд.

Таассуфовар аст, ки баъзе шахсон аз чорво, парранда, гармхона, мошинҳои дӯзандагӣ ва дигар воситаҳо, ки барои рушди соҳибкорӣ ва манбаи даромади онҳо ҳокимият ҷудо карда буд, самаранок истифода намебаранд. Маблағи додаро барои эҳтиёҷи шахсии худ истифода бурда, боз кӯмаки моддӣ мепурсанд.

Бо мақсади баланд бардоштани маънавияти аҳолӣ, бахусус ҷавонон, самаранок гузарондани вақти холии онҳо дар маҳаллаҳо китобхонаҳои нав ташкил карда шуданд, бинои кухнаи онҳо аз нав таъмир гардиданд. Бахусус, фаъолияти китобхонаи “Bookcafe”-ро, ки дар маҳаллаи Камарсада ҷойгир аст, боиси эътироф аст. Инсони китобдӯст ва маънавиятшинос ҳеч гоҳ ба роҳи бад, ба корҳои ношоиста даст намезанад.

**Ш. ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# БА БУХОРО 100 ЭЛЕКТРОБУС ОВАРДА МЕШАВАД

***Ба шаҳри Бухоро электробусҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, ҳарҷониба қулай ва замонавӣ оварда мешавад.***

Ин электробусҳо, ки аз ҷониби ширкати «Zhongtong Bus co.Ltd»-и Чин истеҳсол шудаанд, дар кӯчаҳои шаҳри Бухоро тӯли чанд рӯз аз санҷиш гузаронда мешаванд. Бо баназаргирии фикрҳои ронанда ва пассажирҳо корҳои ҳаррӯзаи мониторинг пеш бурда мешавад. Бо назардошти таҷриба то охири сол садто электробус оварда ва дар хатҳо гузошта мешаванд.

– Электробус бо қувваи пурраи тӯли 2,5 соат гирифтааш 300-350 километр масофаро тай менамояд, – мегӯяд ходими масъули идораи нақлиёти вилоят Умед Баҳронов. – Яъне қувваи гирифташуда аз субҳ то шом мерасад. Вақте заряд 12 фоиз монд, автобус ба тарзи автоматӣ аз ҳаракат меистад, ки ин зарурияти қувватгириро ифода месозад. Натиҷа ва маълумотҳои зарурӣ дар экрани сенсорнок нишон дода мешаванд. Дар вақти ҳаракати электробусҳо ба экология мутлақо зарар расонда намешавад. Имрӯз, ки автонақлиётҳо ба атмосфера моддаҳои зарарнокро паҳн мекунанд, ин хеле муҳим.

Дизайни берунию дохилии нақлиёти замонавӣ, ки дар вақти ҳаракат садои баланд намебарорад, аз автобусҳои одӣ фарқ мекунад. Ҳаҷми умумии нишастгоҳҳои электробус, ки 27 адад аст, 80 мусофирро ба манзил расонда метавонад. Бинобар пастии фарш, набудани зинапоя ва подиумҳо мусофирон дар салон озодона ҳаракат карда метавонанд.

Барои шахсони имкониятиҷисмониашон маҳдуд нишастгоҳҳои махсус бо рангу нишонаҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Барои баромадани ногиронҳо низ қулайиҳо мавҷуд. Салони дохилӣ бо камераи видеоназорат, сохтори автоматии нигоҳдории намӣ ва гармидиҳанда ҷиҳозонида шудааст.

**З. КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

*Дар ноҳияи Амударёи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон доир ба рушди хоҷагии гармхона корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мешаванд. Солҳои охир аҳолии маҳалла ва авулҳои ноҳия дар заминҳои назди ҳавлии худ гармхонаҳои хурди замонавӣ барпо намуда, дар он сабзавот ва ниҳолҳои зудпазро мепарваранд.*

*Бахусус, дар авули Холимбег соҳибкороне, ки илми аз замин гирифтани ҳосили зиёдро азхуд кардаанд, манбаи даромадро фароҳам оварда, бо ин роҳ шуғли аҳли оилаашонро таъмин менамоянд, бисёранд. Яке аз онҳо Каримбой Ӯрозбоев мебошад.*

*Ӯ аз ҳисоби воми имтиёзноки 100 млн. сӯминаи шуъбаи ноҳиявии «Микрокредитбанк» дар 10 сотих замини наздиҳавлии худ гармхонаи замонавӣ барпо намуд.*

*Дар гармхона навъи «Стат элегант»-и помидор парвариш карда мешавад. Ҳоло дар он ҷо корҳои ҷамъоварии ҳосили помидор оғоз ёфтаанд.*



***Дар сурат:*** *дар гармхона.*
***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

# “МИКРОКРЕДИТБОНК” – ДАР ХИДМАТИ АҲОЛӢ

***Дирӯз дар Маркази матбуоти миллии пойтахт дар мавзӯи “Корҳое, ки аз ҷониби «Микрокредитбонк» дар тӯли соли 2021 анҷом дода шудаанд ва нақшаҳоиояндаи он» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Директори департаменти бонк Алишер Мустафоев гуфт, ки ҳоло 71 шуъбаи бонк, 90 маркази хизмати бонкӣ, 24 бонки хурд, 120 офиси худхизматгузорӣ, 150 кассаи махсус ба наздик 250 ҳазор шахси ҳуқуқӣ ва беш аз 1250 ҳазор шахси ҷисмонӣ хидмат мекунад. Соли гузашта аз ҳисоби манбаъҳои маблағгузорӣ ҷамъ ба миқдори 5,2 трлн. сӯм кредит ҷудо карда шуд, ки дар натиҷаи ин қариб 95 ҳазор нафар ҷойи кори доимӣ пайдо карданд.

– Хусусан, – таъкид намуд ӯ, – бино ба барномаи рушди соҳибкории оилавӣ ба 72 715 нафар аҳолӣ ва субъекти соҳибкорӣ ба миқдори зиёда аз 2 миллиард сӯм кредит ҷудо карда шуд. Ин амалиёт имкон дод, ки беш аз 81 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шавад.

Дар Муроҷиатномаи Президент оиди ба соҳибкорӣ ҷалб кардани ҷавонон ва бо кор таъмин кардани онҳо дар назди бонкҳо вазифаҳои муайян гузошта шудаанд. Ба мақсади иҷрои ин вазифа аз ҷониби бонк дар доираи барномаҳои иҷтимоӣ барои ташкили тиҷорати худ ба ҷавонон беш аз 1 миллиард сӯм кредити имтиёзнок ҷудо карда шуд. Дар натиҷа наздик ба 45 ҳазор ҷавонон тиҷорати худро ташкил доданд ва қариб 49 ҳазор нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд. Наздик ба 28 ҳазор нафаре, ки дар минтақаҳо ба “Дафтари оҳанин”, “Дафтари ҷавонон” ва “Дафтари занон” дохил шудаанд, ба миқдори 633 миллиард сӯм кредити имтиёзнок ҷудо карда шуд. Ин ҳама имкон дод, ки қишри ниёзманди аҳолӣ дар зиндагӣ роҳи худро пайдо кунад.

Дар бонк аз хизмати онлайн низ истифода бурда мешавад. Кору фаъолияти бонк барои беҳбудии сатҳи зиндагии мардум нигаронда шудааст.

Бонк дар соли ҷорӣ хеле корҳоро анҷом доданист. Дар давоми чорабинӣ ходимони масъул ба саволҳои журналистон ҷавоб доданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Нуқтаи назари депутат*

# САРМОЯГУЗОРӢ БА КАПИТАЛИ ИНСОН – САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДА

***Азбаски 60 фоизи аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд, ҳар сол наздик ба 600 ҳазор нафар ҷавонон вориди бозори меҳнат мешаванд. Ин тақозо менамояд, ки дар давраи пурталотуми ҳозира корҳои бобати рушди капитали инсонӣ оғозшударо идома бояд дод.***

Дар нахустин форуми байналмилалии сармоягузорӣ дар пойтахт Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки аз рӯзи аввали ислоҳот мо ба рушди соҳаи маориф ва капитали инсонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда истодаем.

Дарҳақиқат, дар 5 соли охир дар ҷумҳурӣ беш аз 21 ҳазор муассисаи нави таълими томактабӣ таъсис дода шуда, фарогирии кӯдаконамон ба ин муассисаҳо аз 27 фоиз ба 67 фоиз расид. Қариб 200 мактаби нав сохта, зиёда аз 3 ҳазор мактабҳои мавҷуда аз нав таъмир ва муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Қобили зикр аст, ки дар муддати кӯтоҳи гузашта 82 донишгоҳу донишкадаи нав, аз ҷумла 23 донишгоҳи хориҷӣ таъсис ёфта, шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба 159 адад расид. Натиҷаи ҳамин аст, ки бо маълумоти олӣ фаро гирифтани хатмкунандагони мактабҳо аз 9 фоиз ба 28 фоиз афзуд.

Мо шоҳиди он ҳастем, ки сармояи инсонӣ дар асри XXI ба як меъёре табдил ёфтааст, ки сарнавишти инсоният, аз ҷумла ҳар як давлатро муайян мекунад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки имрӯз дар асоси рушди иқтисодиёти кишвар на мавҷудияти техника ва захираҳои табиӣ, балки одамони он ҷо ва қобилиятҳои онҳо, малака ва саломатии онҳо муҳим аст.

Хулоса, таҳсилот ва омӯзиши касб сатҳи дониши инсонро баланд бардорад, соҳаи тандурустӣ бо коҳиши бемориҳо дар инсон мӯҳлати хидматрасонии сармояи инсониро зиёд мекунад. Ислоҳоте, ки дар ин соҳаҳо дар мамлакатамон татбиқ мегарданд, ба муддати дароз амал кардани капитали инсон хидмат мекунад.

**Муҳаммад ВАЛИЕВ,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ҚАРЗИ ДАВЛАТ ДАР АСОСИ АНДОЗАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ИДОРА КАРДА МЕШАВАД

***Ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис баргузор гардид. Дар он як қатор қонунҳое, ки ба ҳаёти мамлакатамон дахл доранд, муҳокима шуданд. Депутатҳо нахуст лоиҳаи қонун «Дар бораи қарзи давлатӣ»-ро дар хониши дуюм баррасӣ карданд.***

Дар лоиҳаи қонун, ки дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳон тартиб дода шудааст, чор самти асосӣ муайян карда мешавад.

Самти аввал идоракунии қарзи давлатӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани нақши парлумон дар ин раванд, эмин нигоҳ доштани он барои субoти макроиқтисодӣ мебошад. Самти дуюм – таъмини саривақтии кафолатноки хидматрасонии қарзи давлатии дохилӣ ва хориҷӣ, самти сеюм диверсификатсияи қарзи давлатӣ ва кам кардани хатари афзоиши хароҷоти хидматрасонии он ва самти чорум – такмили механизми кафолатҳои давлатӣ мебошад.

Депутатҳо қайд карданд, ки қабули лоиҳаи қонун пеши роҳи парокандагии раванди идоракунии қарзи давлатиро мегирад, механизмҳои таъмини кафолатноки идоракунии самараноки хавфҳо оид ба қарзи давлатӣ ва ӯҳдадориҳои шартии давлат, инчунин хидматрасонии саривақтӣ ва пурраи қарзи давлатиро ҷорӣ менамояд.

Ба ғайр аз ин, лоиҳаи қонун ба беҳтар гардондани мақоми Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рейтинги байналмилалӣ, таъмин кардани барқарории макроиқтисодӣ, самарабахш истифода бурдан аз маблағҳои ҷалбшаванда ва идоракунии хатарҳои марбут ба қарзи давлатӣ хидмат мекунад.

Гуфта шуд, ки таносуби қарзи давлатӣ нисбат ба ММД набояд аз 50-60 дарсад зиёд бошад. Тибқи лоиҳаи «Бюҷети шаҳрвандон», ки Вазорати молияи Узбекистон эълон кардааст, қарзи хориҷии давлат то соли 2022 ба 30,4 миллиард доллар мерасад.

Лоиҳаи қонун мавриди баҳсу мунозираи депутатҳо қарор гирифта, ба саволҳо масъулини дахлдор посух доданд. Баъд аз он лоиҳаи қонун қабул карда шуд.

**М.КОМИЛОВА,**
**мухбири ЎзА.**

**Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон аз 30 март то 1 апрели соли ҷорӣ баргузор мешаванд. Чорабинии фарҳангӣ бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои муштарак бо синамогарони ӯзбек ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак баргузор мешавад.**

# ДАР ТОҶИКИСТОН РӮЗҲОИ КИНОИ ӮЗБЕКИСТОН ДОИР МЕШАВАНД

Дар давоми се рӯз дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ филмҳои жанрҳои мухталифи истеҳсоли Ӯзбекистон ба намоиш гузошта мешаванд, хабар медиҳад АМИТ «Ховар».

Дӯстдорони кино метавонанд «Рейси 101», «Ифтихори Нафиса», «Хусниддини моҳир», «Асорат», «Тӯйи якрӯза»-ро тамошо кунанд.

Ёдовар мешавем, ки Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон пайваста баргузор мешавад, аз ҷумла, моҳи майи соли гузашта баргузор шуда буд. Дар он вақт байни киностудияи «Ӯзбекфилм» ва «Тоҷикфилм» ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расида буд, ки он на танҳо офаринишии якҷояи филмҳо, балки мубодилаи кадрҳо, таълими кинематографистониояндаро дар донишкадаҳои олии Ӯзбекистон, аз чумла, дар филиали нави Донишгоҳи давлатии умумирусиягии кинематография дар Ӯзбекистон пешбинӣ мекунад.

**АИ «Дунё».**

*Андешаҳо*

# «МОДАРАШРО БИНУ ДУХТАРАШРО ГИР»

Духтарҳое, ки панди бузургон, насиҳатҳои падару модарро дар гӯш ҳалқа карда, ба онҳо амал менамоянд, ҳеч вақт кам намешаванд. Дар роҳҳои пасту баланди рӯзгор пешпо намехӯранд. Ба зинат ва зебоии ҳаёти мо меафзоянд.

Духтарони азиз! Шумо зебу зинати падару модар, бародару хоҳар ва аҳли оилаи хеш мебошед. Ҷамъият низ бо шумо зебост. Зебоии шахсии шумо бошад шарму ҳаё, иффат, садоқат, маҳорати рӯзгордорӣ, пазандагӣ, кордонӣ, сарфакорӣ, баркамолии маънавию ахлоқии шумост. Ҳаминро донед, ки духтарбача муъҷизаи ягона ва нотакрори офаридашудаи Аллоҳ аст. Танҳо зан қодир аст фарзанд ба дунё оварда ва давомнокии наслҳоро таъмин созад.

"Духтар оҷиза аст" мегӯянд дар урфият халқ. Агар он оҷиз, камқувват ва заиф аст, аз ҷиҳати ҷисмонӣ асту халос. Аммо ман ба сифати зан, модар ва модаркалон ҳаминро мегӯям, ки оҷизии духтар нисбӣ буда, вай аз ҷиҳати рӯҳию маънавӣ мавҷуди қудратнок мебошад.

Беҳуда намегӯянд, ки "зан чиҳил ҷон дорад". Ҳаминро нағз дар хотир доред, ки зан мисли мард аз таълиму тарбия баҳраманд мешавад, соҳиби ягон касбу ҳунар мегардад, дар баробари иҷрои кор фарзанд ба дунё меорад, ба тарбияи фарзандон низ асосан бонувон машғул мешаванд. Қариб тамоми корҳои рӯзгор – ба зиммаи зан.

Дар ин гуна вазъиятҳои мушкил кадбону бояд тавре кор барад, ки ба қавле "на сих сӯзаду на кабоб". Дар вазъи ба сари хонадон афтодани рӯзи мушкил танҳо матонат, кордонӣ, мулоҳиза ва бурдбории зани оқила ва отифа кор доданаш мумкин. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба назари эътибор гирем, тавре ба назар менамояд дар оиладорӣ ва таъмини муҳити солими хонадон зан назар ба мард қудратноктар мебошад.

Мегӯянд, тарбияи духтар нисбати писар мушкилтар, масъулиятталабтар аст, ки ин шояд беасос не.

Тарбияи духтар дар рӯзҳои мо, метавон гуфт, ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Президент Шавкат Мирзиёев дар яке аз баромадҳои худ алоҳида таъкид сохт, ки "хусусан, нигоҳ доштани саломатии духтар, бо илму дониш ва дараҷаҳои касбӣ фаро гирифтани ӯ аҳамияти муҳим касб менамояд, барои ин лозим аст масъулият ва ҷавобгарии падару модарон, аҳли ҷомеа, роҳбарони мутасаддиро боз ҳам пурзӯртар намоем, зеро духтарбача – кадбонуи оянда, чароғи рӯзгори мост, имрӯз ба он мо чӣ тавр таълиму тарбия диҳем, фардо вай ба авлоди нави мо ҳамин тавр таълиму тарбия медиҳад..."

### ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР СИННИ БАЛОҒАТ – БАРПО КАРДАНИ ОИЛА

Фарзандони азизи ман! Ҳаёт бе оила ба ҷӯли беобу гиёҳ монанд. Шахс дар оила ба дунё меояд, тарбия мегирад, дар ҳаёти иҷтимоӣ мавқеи худро пайдо менамояд. Мавҷудияти ҷамъияти калон, дараҷаи рушди иқтисодию маънавӣ, фаровонии зиндагӣ ба мустаҳкамии хонадонҳо вобастагии қавӣ дорад.

Шумо дар остонаи балоғат ва арафаи барпо кардани оила қарор доред. Мақсади асосиатон – дониш андӯхтан, ба ягон касб соҳиб шудан, оила сохтан ва дар ҷамъият мавқеи худро пайдо намудан. Модоме дар бораи оила фикр мекунед, аввало, чӣ будани моҳияти оиладориро хуб фаҳмед.

Инро донед, ки оила як ҷузъи ҷудонопазири ҷамъият аст. Мисле ҷамъият қонун ва қоидаҳои худро молик аст, ҳар як оила низ қонун ва қоидаҳои ба худ хосро молик мебошад.

Шумо аввал ба дониш дар бораи оила ва идоракунии он соҳиб шавед. Аз нуқтаи назари илмӣ нигарем, оила воҳиди иҷтимоии дар асоси робитаву муносибатҳои табиӣ, биологӣ ва физиологии инсонҳо барпошуда мебошад. Масъалаҳои моддию иқтисодӣ, ҳуқуқию қонунӣ, маънавию ахлоқӣ низ дар он чизи муҳим.

Ба дунё овардани фарзандҳо ва тарбияи онҳо масъалаҳои табиӣ-биологӣ-физиологӣ бошанд, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ – таъмини моддии рӯзгор ва идоракунии хонадон аст. Муносибатҳои маънавӣ, айни замон, дар оиладорӣ басо муҳим, ки он – покиву ҳалолкорӣ, меҳру муҳаббат байни аъзои оила, ҳурмат ва иҷрои вазифаҳо мебошад.

Шумо, киояндаи наздик оила барпо карданиед, бояд аз ҳадиси оиладорӣ бархурдор, аз асрори фаровонию осудагӣ, таъмини бахту саодати хонаводагӣ огоҳ ва ба ҳаёти мустақилона ҳарҷониба омода бошед.

### ПИСАРОН, БАРПОИ ОИЛАРО АЗ ЧӢ БОЯД САР КАРД?

Оила қалъаи мустаҳкамест, ки инсонҳоро муттаҳид мегардонад. Ба ин қалъа аз меҳру муҳаббати тарафайн, оқибат, умед ва боварӣ баояндаи авлод пойдевор гузошта мешавад. Хиёнат ба ин қалъа, бо хиёнат намудан ба ҷамъият баробар аст.

Барпо сохтани қалъаи мустаҳкам аз чӣ оғоз меёбад?

Албатта, аз дарёфти ҷуфти ҳаёти муносиб! Шумо, писарҳоям, дар интихоби ҳамсар ба хато роҳ надиҳед.

Дар асоси меҳру муҳаббати тарафайн барпо намудани оила ҷидду ҷаҳд намоед. Аз хотир набароред, ки шумо ҳамсарро барои тамоми умр интихоб мекунед. Умед кунед то нафасҳои охирини умр бо вай зиндагӣ намоед.

Агар ҷаҳонбинӣ, савияи донишу таҷриба, муносибататон ба ҷамъият ва табиат, мақсад ва маслакҳои дуи шумо ба ҳам мувофиқу ҳамоҳанганд, дар ҷамъияти оилапарвар мавқеъ ёфта, ҳаёти хушбахтона мегузаронед.

Яке аз қоидаҳои нонавиштаи ҳаёт ҳамин: муносибии духтар ва писар аз ҷиҳати ҷисмонию маънавӣ ба барқарории оила ва ба дунё омадани фарзандони солим кафолат мебошад.

Ҳаминро фаромӯш насозед, ки ҳаёт ҳеч вақт бо як маром пеш намеравад. Он аз рӯзҳои нек ва бад, сояравшаниҳо иборат. Интихобкардаи шумо бояд ба ҳар гуна санҷиши ҳаёт тоб оварад. Дар роҳҳои ноҳамвори умр паҳлуятон қадам занад.

Шумо, дар навбати аввал, ба оила ва сулолаи дӯстдоштаатон эътибор диҳед, дар бораи баромади иҷтимоии ӯ маълумот пайдо кунед. Фаромӯш накунед, ки духтар аз бисёр ҷиҳат қабл аз ҳама ба модараш монанд мешавад. Бинобар ин мегӯянд: "Модарашро бину духтарашро гир".

**Ойнисо МУСУЛМОНОВА,**
*ш. ТОШКАНД.*

*Дарси тасаввуф*

# ҲАФТ ПИР. ОНҲО КИСТАНД?

**Сарчашма (Мақолаи якум)**

Аксарият хуб медонанд, ки дар вилояти Бухоро зиёратгоҳи муқаддаси ҳафт пир мавҷуд аст. Шояд чанде он мавзеъҳоро зиёрат низ кардаанд. Вале бояд ошкоро бигӯем, на ҳама медонанд, ки он бузургон чӣ арзише ва бо ҳам чӣ иртиботе доранд.

### Таърихи дур

Барои дақиқтар донистани ин, ҳамаи мо бояд ба гузаштаи дур сафари фикрӣ анҷом диҳем.

Офаридгор барои ба одамизода расондани дини ҳақ Муҳаммад (с.а.в.)-ро ба сифати паёмбари охирзамон баргузид ва ба эшон тӯли 23 сол (солҳои 610-632 милодӣ) тавассути ваҳй оятҳои Қуръонро нозил кард. Пайғамбар (с.а.в.) онҳоро ба саҳобагон ба тарзи шифоҳӣ бозгӯ карданд. Дини ислом бад-ин тариқ доман густурд. Як қисми саҳобагон аҳли суффа буданд.

### Аҳли суффа кӣ буд?

Медонем, ки тасаввуф ҳанӯз дар даврҳои пайғамбар (с.а.в.) аз аҳли суффа оғоз ёфтааст. Суоле ба миён меояд, ки аҳли суффа чӣ тоифаест ва онҳо чанд нафар буданд? Чӣ ном доштанд? Тасаввуф чаро маҳз аз инҳо оғоз меёбад? Ҳар қадар ба дунболи дарки ҳақиқат равем, суол ба он адоза меафзояд. Метавон ба торики масъала тибқи манбаъҳои гуногуне, ки ба таърихи ислом иртибот доранд, пасу пеш рӯшанӣ андохт.

Бино ба маълумоти «Қобуснома»-и машҳури Кайковус (1021-1088), аҳли суффа 12 нафар будаанд.

Дар асари олими турк Закои Кӯнрапа – «Ҳазрати паёмбар ва дини ислом» оиди тасаввуф ба маълумоти дақиқтаре рӯ ба рӯ меоем.

Вақте Муҳаммад (с.а.в.) ба Мадина ворид мешаванд, дар он ҷое, ки шутурашон қарор мегирад, масҷид бунёд мекунанд. Он дар муқобили ҳавлии Зайд ибни Холид (Абуайюби Ансорӣ) воқеъ буд. Навиштаҳои зерини муаллиф аҳли тасаввуфро то ҷое дар оинаи пиндорҳо менамояд: «Дар як кунҷи ҳавлии масҷид бо номи «Софа суффа» ҷое омода карданд. «Софа суффа» ҷойи чоргӯшае буд, ки дарахтони хурмо рӯяш соя меафканд. Дар он ҷо асҳоби фақири бехонаву ҷо хуфту хез мекард. Аз ин рӯ, онҳоро «Асҳоби суффа» меномиданд. Асҳоби суффа басе муфлис буданд. Бино ба ривояти Абуҳурайра миқдори онҳо беш аз ҳафтод нафарро ташкил медод. Онҳо ҳатто ридои (либосе, ки қисми аз миён болоро мепӯшад) худро надоштанд. Барои шом хӯрдан барояшон қути лоямуте набуд. Расули акрамро ҳар шом қисмате аз онҳоро ба хонааш мебурд, қисмати боқимонда аз хонаи дороён чизе мехӯрданд. Аз ансорон (онҳоеро, ки ба мусалмонон кумак мекарданд, ансор меномиданд) Убода ибни Саъд доротар буд. Гоҳо барои ғизохӯрӣ дар атрофи дасторхон ҳаштод нафар менишастанд...

Расули акрам ба садақа ниёз надоштанд. Садақаҳоро ба асҳоби софа тақсим мекарданд, ҳадяҳоро низ ба онҳо медоданд... Чанде аз асҳоб деҳқону туҷҷор буданд. Онҳо бо Расули акрам танҳо ба ҳангоми намоз метавонистанд дидор бинанд. Аҳли софа доимо дар масҷид дар паҳлӯи Расули акрам буданд. Абуҳурайра низ яке аз онҳо буд. Ин ҷо мактаби ба худ хос низ ба шумор мерафт. Бад-ин тариқ, нахустин муаллими мактаб дар ислом ба вуҷуд омад. Дарсхонаи мактаби мазкур Масҷиди набӣ, хобгоҳаш софа, муаллимаш Расули акрам, толибонаш асҳоби софа буданд. Онҳо ҳаёти худро ба дин ва илм бахшида буданд. Ҳар шом бо ибодат машғул буданд ва нозукиҳои мусалмониро меомӯхтанд. Расули акрам муаллим ва воизонро аз байни аҳли софа интихоб намуда ба мавзеъҳо мефиристоданд...

Расули акрам ваъз мехонд, бо саҳобагон тамос мегирифт, ба ҳалли мушкили динӣ ва иҷтимоии онҳо мепардохт. Қабл аз ислом сатҳи ҳаёти маданӣ ва илмии арабҳо паст буд. Онҳо ҳама чизро аз ислом интизор буданд, мавъизаҳои Расули акрамро мавриди омӯзиш қарор медоданд. Биноан, Масҷиди набӣ на танҳо ибодатгоҳ, балки ҷойи ҷамъомади мусалмонон, машваратгоҳ, дарсхонае дар мақоми маҳкамаи адлия, маркази фарҳангӣ низ буд».

Ин маълумот ба бисёр масъалаҳое, ки ба таърихи тасаввуфи ибтидоӣ иртибот дорад, равшанӣ меандозад.

Якум, сӯфигарӣ (тасаввуф) аз аҳли суффа оғоз ёфтааст. Дуюм, аҳли суффа назар ба дигар саҳобагон бо пайғомбар (с.а.в.) бештар дар мулоқот будаанд, шабу рӯз бо дин сарукор доштаанд, нозукиҳои исломро омӯхтаанд.

Сеюм, дар тасаввуф тарғиби фақру фақирӣ аз ин ҷо оғоз ёфтааст. Зеро дар илми дин, бе сарфиназаркунӣ аз неъматҳои дунё, наметавон ба дараҷаи баланд расид.

Чорум, ҷудошавии хонақоҳ аз масҷид низ аз ин ҷост. Аҳли суффа берун аз масҷид ба сар бурдаанд. Хонақоҳ ҳам ҷойи ибодат, ҳам ҷойи зист буд. Бо ин ҷиҳат аз масҷид фарқ дорад. Масҷид танҳо ибодатхона аст.

### Фарқи силсила аз шаҷара

Бисёриҳо силсиларо бо шаҷара меомезанд. Зеро ба якдигар монандӣ доранд: ҳам дар силсила, ҳам дар шаҷара номҳои муборaки одамон пасупеш меоянд, яъне тибқи ин пайдарҳамӣ рӯйихат ташаккул меёбад.

«Шаҷара» вожаи арабӣ буда, маънои «шохҳои дарахт»-ро дорад. Шох, албатта, бевосита аз як дарахт мерӯяд. Аз ин рӯ, шаҷара рӯйихати одамҳоест, ки аз як шахс рӯйидаанд. Мисолан, сайидон авлоди Муҳаммад пайғомбаранд. Медонем, ки авлод танҳо аз духтари пайғомбари мо – Фотима паҳн шудааст. Фотима ҳамсари ҳазрати Алӣ буд. Ҳазрати Алию Фотима писароне доштанд бо номи Ҳасану Ҳусейн. Сайидон фарзандонеянд, ки аз Ҳасан ё Ҳусейн зиёд шудаанд.

Шаҷараи Амир Темур низ вуҷуд дорад. Ин шаҷара рӯзгоре дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистону Ҳиндустон ҳукумат дошт.

«Силсила» вожаи арабист. Ба форсии тоҷикӣ онро занҷир гӯянд. Занҷир ҳалқаҳои ба ҳам пайваст аст. Биноан, дар силсилаи тасаввуф танҳо пирию муридӣ ба назари эътибор гирифта мешавад. Сарҳалқаи ҳар силсила, албатта, Муҳаммад пайғамбар (с.а.в.) аст. Ҳалқаи дуюм нафарест, ки аз ӯ тарбияи рӯҳӣ гирифтааст. Вай, дар навбати худ, дигареро тарбия мекунад. Силсила бад-ин тарз идома пайдо мекунад. Агар падар ба сифати пир ягон фарзандашро дар роҳи тасаввуф ба дунболи худ бурда, ба муридӣ қабул карда бошад, танҳо ҳамон фарзанд ба силсила дохил мешавад. Бояд гуфт, ки ба силсила на ҳар гуна мурид, балки мурид дохил мешуд, ки ҳуқуқи ба тариқат раҳнамоӣ карданро ба даст даровардааст.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**

*Ба ҷойи табрик*

# «НЕКУ ҲУНАРЕСТ ИШҚБОЗӢ...»

Дар яке аз нишастҳои адабӣ бо ҳаводорони каломи бадеъ кадоме аз ҳозирон ба Мирсафо Камолӣ чунин савол дод:

– Устод, солҳои охир дар назми шумо мавзӯи ишқ бартарӣ дорад...

– Дуруст дарк кардед, – бо табассум гуфт Камолӣ, – охир «ишқро оғоз ҳасту анҷом нест» гуфтаанд. Низомии Ганҷавӣ байти дилнишину рӯҳбахше дорад:

*Касе, к-аз ишқ холӣ шуд,*
*фасурдаст,*
*Гараш сад ҷон бувад,*
*бе ишқ мурдаст.*

Ҳавас дигару ошиқӣ дигар. Ва бошад аз ишқ қувват мардонро. Аз ҳакиме пурсиданд: «Муҳаббат чист?»

Гуфт: «Он чӣ аз накӯӣ зиёда шавад ва аз ҷафо нуқсон напазирад».

Шоири ишқсаро Ҳилолӣ фармудааст:

*Чун мастии ишқ гашт*
*комил,*
*Девона шавад ҳазор*
*оқил.*

Ана барои чӣ ҳарчанд синнам ба ҳафтод наздик аст, дар дил дард дорам – дарди ишқ ба халқу Ватан, забону миллат, зану фарзанд, муҳаббат ба меҳнат, садоқат ба табиат. Ҳоло шеъри тозаэҷодам «Дилбарам, биё!»-ро, ки ба ҳамсарам бахшидаам, барои далели фикрам қироат мекунам.

Сипас Мирсафо ғазали ишқии худро бо эҳсосот аз ёд хонда дод.

Воқеан, барои дӯсти ҷонӣ ва ҷавонии ман Мирсафо Камолӣ, ки ҳоло 70-умин солгарди умри худро истиқбол мегирад, меҳру муҳаббат ба назму наср солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 34-уми зодгоҳаш — деҳаи Чоршанбе пайдо шуда буд. Шеърҳои Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ ва дигаронро, ки равон, сода, самимӣ буданд, зуд аз ёд карда, бо ихлоси тамом ба боғи адабиёт ворид мегашт.

Ёд дорам, соли 1967 буд. Мирсафо баъди хатми синфи ҳаштум барои идомаи таҳсил ба мактаби мо омад. Вай ҳамчун навқалами умедбахш аъзои маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» гардид, ки роҳбари он шоири шинохта Бердӣ Ҳамроев (равонашон шод бод!) буд. Устоди рамузфаҳму ботамкини мо дилсӯзона машқи шогирдонро аз назар гузаронида, маслиҳатҳои муфид медод. Бояд таъкид намуд, ки Мирсафо Камолӣ инчунин аз ҳамгузараш шоир Саттор Аҳрорӣ низ бисёр чизҳоро омӯхт. Меҳру муҳаббат ба адабиёт буд, ки ӯро ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Аммо офтоби бахт ба рӯйи Мирсафо натофт. Вай ба ҷойи қалам каланд гирифт, чанд муддат дар ошхона хидматгузор шуд ва ниҳоят пас аз хидмати ҳарбӣ ба шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ дохил гардид. Ҳамчун сардори звено, сипас котиби ташкилоти ҷавонони хоҷагии ҷамоатии собиқ «Гулистон» таҷрибаи зиндагӣ андӯхт.

Соли 1990 Мирсафо Камолиро ба идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба кор даъват карданд ва вай ҳамчун хабарнигору мудири шуъбаи маънавият бисёр очерку мақолаҳои ҷолиби диққат навишт ва ба тавре ба таҳририяти рӯзнома сафои дигар овард. Мутаассифона, душвориҳои иқтисодии солҳои аввали истиқлол имкон надод, ки вай фаъолияти худро дар ин ҷо идома диҳад. Баъди чанд соли омӯзгорӣ дар мактаби деҳаи Чунгул Мирсафо Камолӣ ба нафақа баромад. Агарчи ҳоло ӯ дар нафақа аст, вале ҳамон яке аз муаллифони фаъоли рӯзномаҳои «Субҳи Гулобод», «Овози Самарқанд» ва дигар нашриёҳо мебошад. Аз ҳама муҳимаш бо ҳамсари меҳрубону дилсӯзаш – Дилбар ба фарзандон Миршакар, Далер, Диёр ва беш аз даҳ нафар набера ба замона хос таълиму тарбия медиҳанд.

Бо вуҷуди он, ки дӯсти ҷонии ман 70 сол дорад, ҳамоно қаламу каланд мезанад. Боғи аҷоиб дорад, ки ҳар сол аз мевааш на танҳо дӯстону ҳамкорон, инчунин кӯдакистони деҳаи Чунгул низ баҳраманд мегардад. Чанде пеш бо дастгирии Маркази миллӣ–фарҳангии тоҷикони вилоят ва рӯзномаи «Овози Самарқанд» нахустин китоби ӯро ба нашриёт супурданд ва мо аз имконият истифода бурда, шоири ишқпарварро бо асари наву зодрӯзаш табрик менамоем ва бо забони ширини Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯем:

*Дар хиттаи ин хати*
*маҷозӣ*
*Неку ҳунарест ишқбозӣ.*
*Лекин ҳама кас ба он*
*сазо нест,*
*Ҳар манзари хуб*
*дилкушо нест.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**нависанда.**

# НАВГОНИҲО ДАР РОҲИ ФАРОВОНИИ АҲОЛӢ

*Шаҳри Тирмизи куҳан имрӯз ҳамқадами замон аст. Биноҳои баланди серошёна, иншоотҳои муҳташам ба шукуҳи шаҳар афзуда, баробари ин ба рушди фаровонии ҳаёти мардум хидмат мекунанд. Дар соли гузашта дар мавзеи Фаровони шаҳр 2 бинои 7 ошёна, 5 бинои 9 ошёна*





*сохта ба истифода супурда шуд. Дар натиҷа 690 оила соҳиби хонаву ҷо гардид. Албатта, барои ин миқдор аҳолӣ ташкил ёфтани ҷойи кор ва хидматрасонӣ муҳим аст. Бо ин мақсад хонаҳои ошёнаи якуми биноҳои серошёнаро барои фаъолияти нуқтаҳои савдо ва хидматрасонӣ супурда истодаанд. Аз ҷумла, барои 690 оила 57 нуқтаи савдо ва хидмати маишӣ барпо гардида, дар ҳар яки онҳо 5 тоӣ ҷойи нави кор созмон ёфтанд. Корҳои бунёдкорӣ соли ҷорӣ низ идома ёфта, дар мавзеъҳои Фаровон 27, Тупроққӯрғон ва Саховат 38 бинои истиқоматҳои серошёна бунёд мегарад.*

***Дар акс:*** *биноҳои серошёнаи истиқоматии мавзеи Фаровони шаҳри Тирмиз.*

***Аксбардор: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ. ЎзА.***

# МАНБАИ НЕРУСТ ШЕЪР

*Воҷиди Аштӣ 26 январи соли 1960 дар деҳаи Ашти ноҳияи Ашти Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ӯ ҳанӯз аз чаҳорсолагӣ аз бобояш – Абдураҳмон алифбои арабӣ, Ҳафтяк ва Қуръони Маҷидро омӯхта буд.*

*Нахустин шеърпораи ӯ дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» соли 1975 нашр шуд. Минбаъд чакидаҳои хомааш дар матбуоти даврӣ тез-тез нашр мешуданд. Мактаби миёнаро низ бо омӯзиши хуб ба итмом расонид. Шоир дар якчанд озмуни ҷумҳуриявӣ бо ғазалу рубоиҳои худ иштирок карда, обрӯманд гашт.*

*Таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба эҷодкор асрори сухан гуфтан омӯхт.*

*Дафтари шеърҳои ӯ бо номҳои «Барги сабз», «Қасидаи истиқлол», «Хонаи уммед», «Қасидаи модар»,«Бо ёди ту бе ёдам», «Исёни рӯҳ» ба дасти хонанда расидаанд.*

*Дар поён ду намуна аз эҷодиёти Воҷиди Аштӣ ба алоқамандони каломи бадеъ пешниҳод мегардад.*

### *Манбаи неру*

*Манбаи неруст шеър, азбас силоҳи шоир аст,*
*Дар набарди рӯ ба рӯ пушту паноҳи шоир аст!*

*Ҳамчу дӯлобе, ки мерезад пас аз ҳар раъду барқ,*
*Шер бар рағми адӯ ҳамчун сипоҳи шоир аст!*

*Ё ба ҳангоми ғазаб шамшери шеър албонҷ хӯрд,*
*Оташи таркандае аз барқи оҳи шоир аст!*

*Чун сарояд мисрае холӣ зи дарди ошно,*
*Фоли некӯ нест ин, ҳоли табоҳи шоир аст!*

*Ё суруд аз боби нобобе, ки маҷбураш кунанд,*
*Пеши яктои ду олам иштибоҳи шоир аст!*

*Воҷидо, байте, ки мегӯӣ камону тири туст,*
*Дар дами пархоши ту пирӯзиҳоҳи шоир аст!*

### *Ишқ атои маъбуди яктост*

*Эй лабат бо нори лаъл афрохт ҷоми лоларо,*
*Эй рухат бо нури худ афрохт чашми воларо.*

*Баски ишқ эъҷози Яздон аст аз рӯзи азал,*
*Мекунад эҳё муҳаббат мурдаи садсоларо.*

*Булҳавас дорад ҳавас, аммо надорад сӯз ҳеч,*
*Шояд ӯ гӯяд суруди рӯзи ҳиҷрон ноларо.*

*Ошиқи саргарм гар резад зи чашм оби ҷигар,*
*Гӯӣ гармии тамуз эҷод созад жоларо.*

Таҳияи
***Навбаҳор ҲАМРОҚУЛОВА.***

***Нахустин ҳавопаймои мусофирбари ширкати ҳавопаймоии “Ўзбекистон ҳаво йўллари” баъди як таваққуфи кӯтоҳ аз пойтахт ба Нукус парвозро идома дод ва дар майдони ҳавоии шаҳри Мӯйноқ фуруд омад.***



# ШУКӮҲИ ЭТНОФЕСТИВАЛИ МӮЙНОҚ БА ЧАҲОР ИҚЛИМ ПАҲН ШУД



Он ҷо мардуми зиёд ҷамъ омада буданд. Мусофирон зери садои пурғулғулаи карнаю сурнай ва дафу доира бо нону намак истиқбол гирифта шуданд. Баъд рақсу тарона баҳам омехт ва шукӯҳи ин маросимро боз бештар нуру тароват бахшид.

Фурудгоҳи Мӯйноқ аз солҳои 90-ум барои парвоз ва фурудоии ҳавопаймоҳо истифода намешуд. Қаблан мусофирон аз ин шаҳр ба Нукус, Урганч, Тошканд ва шаҳрҳои дигари кишвар равуо мекарданд. Баъди хушкшавии баҳри Арал вазъи экологии ин ҷо рӯ ба ташаннуҷ овард ва мардум оҳиста Мӯйноқро тарк намуд.

Реконструксияи майдони ҳавоии Мӯйноқ соли 2019 тибқи қарори ҳукумат оғоз ёфт. Дар айни ҳол ин майдони ҳавоӣ барои анҷоми хатсайри парвозҳо пурра омода мебошад ва ҳавопаймоҳои гуногунтамғаро низ қабул карда метавонад.

Бо дастури Президент дар қадами аввал ҳафтае ду маротиба мусофирон метавонанд худро аз Тошканд ба Мӯйноқ ва аз Мӯйноқ ба пойтахти мамлакат интиқол диҳанд. Оҳиста миқдори рейсҳо афзоиш дода хоҳад шуд.

Сафари навбатии матбуотии журналистон ба Қароқалпоқистон бо мусоидати Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ ва дар ҳамкорӣ бо Девони Вазирони Қароқалпоқистон роҳандозӣ гардид ва барномаи доманфарохеро мадди назар дошт.

– Дар ин рӯзҳо сокинони ноҳияи Мӯйноқ ду ид доранд. Иди аввал ба фаъолият шурӯъ намудани майдони ҳавоист, ки тайи се даҳсола баста буд. Гузашта аз ин, таҳти унвони “Хуш омадӣ, Наврӯз” этнофестивали мардумӣ ба кори худ ҳусни оғоз бахшидааст, ки ҳоло мо дар он ширкат хоҳем кард, – гуфт роҳбаладӣ мо вакили Вазорати туризм ва мероси фарҳангии Қароқалпоқистон Элшод Валиев.

Бо вуҷуди аз эътидол берун шудани вазъи экологӣ вақтҳои охир талошҳои зиёд ба харҷ дода шудааст, ки шаҳри Мӯйноқ дубора сарсабзу хуррам гардад ва мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарор гирад.

Таҷлили ҷашни Наврӯз ва роҳандозии этнофестивали доманфарох дар шаҳри Мӯйноқ аз шумори чорабиниҳое маҳсуб меёфт, ки ин ноҳия ҳамеша зери назари Президент Шавкат Мирзиёев ва ҳукумати кишвар қарор дорад.

Дар майдони марказии шаҳр ҳатто ҷойи сӯзанпартоӣ набуд. Зану мард, пиру ҷавон дар бар либосҳои идонаи худро ба ин майдон расонида буданд.

– Ба шаҳри мо хуш омадед, қадамҳоятон болои дида! Марҳамат, аз ин таомҳои суфраи наврӯзии мо нӯши ҷон кунед. Мо дар давоми солҳои зиёд бори нахуст бо чунин тантанаи хос ҷашни Наврӯзро таҷлил мекунем. Ин аз шарофати истиқлол ва натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Президент шаҳодат медиҳад, – гуфт зани синну солаш нисбатан бузурги қароқалпоқ.

Баъд сурудеро замзама намуд ва занону духтарони атроф бо танбуру доира бо ӯ ҳамовоз шуданд. Чанд нафар духтарони либоси қашанги қароқалпоқӣ ба бар ба рақс даромаданд. Тамошои ин манзара, воқеъан, ба кас ҳаловат мебахшид.

Мо саёҳати худро дар ин сайлгоҳи пуршукӯҳ шурӯъ намудем. Дар хаймаҳои қатор ҳунармандон маҳсулоти худро ба маърази тамошо гузошта буданд.

Дар яке аз хаймаҳо маҳсулоти заргариро ба намоиш гузошта буданд. Онро ҳунармандони маҳаллӣ аз фулузоти гуногун сохтаанд. Гарданбандҳои пурнақшу нигор, ҳалқаҳои гуногун, дастпонаҳо, ангуштарӣ барин зебу зинати занона ҳамчун маҳсули дасти ҳунармандони қароқалпоқ ин ҷо дар маърази тамошо қарор дошт.

Як тараф дастаҳои ҳунарӣ ба мардум барномаҳои консертии худро армуғон мекарданд, шеъру таронаҳои наврӯзӣ мехонданд. Дар ҷои дигар мардум ҷамъ шуда аз намоишномаҳои маъруфи мардуми қароқалпоқ порчаҳо тамошо мекарданд, ки маҳз суннатҳои наврӯзиро дар худ инъикос менамуд.

Дар самти дигари майдон гурӯҳи дорбозону паҳлавонон ҳунари худро намоиш медоданд ва ҳар як ҳунарнамоии онҳо мавриди кафкӯбиву истиқболи гарми мардум қарор мегирифт. Вақте ки дорбози ҷавон бо чашмони баста болои дор ин тараф-он тараф мерафту меомад, ҳама дидаҳои ҳайратзада ба тарафи ӯ дӯхта шуданд. Танҳо баъди он ки вай ба “манзил” расид, тамошобинон оҳи сабук кашиданд.

Як гӯшаи майдонро мардон ва гӯшаи дигарро занону духтарон ишғол мекардаанд. Онҳо байни худ мусобиқаҳои гуногуни мардумиро пиёда намуда, шавқу завқи атрофиёнро бедор менамуданд.

Гӯшаи дигарро ошпазҳо ишғол карда буданд. Онҳо дасту остин барзада, дар чанд деги бузург оши палавро дам карда, мардумро ба тановул даъват карданд.

– Бингаред, бо вуҷуди шамол, борон ва сардии ҳаво мардуми моро кайфияти идона фаро гирифтааст. Онҳо кайҳост ба иди бошукӯҳи Наврӯз омодагӣ дидаанд ва ҳоло бо дастовезҳои худ ба ин сайлгоҳ ташриф фармудаанд, – мегӯяд сухангӯи Девони Вазирони Қароқалпоқистон Азамат Аҷимуротов.

Рӯйи ҳар як суфра мизбонон таомҳои гуногуни наврӯзии худро гузошта буданд. Суманак, бешбармоқ, моҳӣ, мурғ, мурғобӣ, мурғи марҷони дар равған ва буғ пухташуда, зағораҳои танурӣ, ки гуфта мешавад, аз орди ҷуворимаккаи сафед тайёр кардаанд, нону чаппотии хушмаза, қатлама, санбӯса ва тушбераҳои гӯштиву алафӣ, кулчаҳо, шириниҳои гуногун ва амсоли он рӯйи суфраҳои мӯйноқиёнро зебу оро медод.

Ин шаҳракро замоне мардуми зиёд тарк кардаву ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ муҳоҷир шуда будаанд. Вале бо саъй ва эҳтимоми сарвари давлат Мӯйноқи кӯҳнаву беодам дубора “зинда” шудааст ва садҳо хонавода аз минтақаҳои гуногун дубора баргаштаанд. Онҳо ҳоло дар хонаҳои васею барҳаво ва замонавӣ ба зиндагии нави худ оғоз кардаанд.

Оре, маҳз ба садҳо километр хушкшавии баҳри Арал ба муҳоҷирати иҷбории мардуми зиёд сабаб шудааст. Аммо дар ҳамин ҳол намои Мӯйноқ ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст. Дар муддати ду соли охир дар Мӯйноқ корҳои азим роҳандозӣ шудаанд ва биноҳову иншоотҳои зиёди маъмуриву истиқоматӣ ба ҳусни ин шаҳрак афзудаанд.

– Ҳоло шаҳраки Мӯйноқ ба салоҳиятҳои зиёди туристӣ ноил шудааст. Аз нигоҳи экотуризм баҳри Арал, паҳнои Устюрт, кӯли Судочйе аз иншоотҳои туристии мо муаррифӣ мешаванд. Мо ба баъзе объектҳои табиӣ саёҳат ташкил мекунем ва ин саёҳат тавассути мошинҳо амалӣ мегардад, дар акси ҳол тай кардани масофаи бештар аз 260 километр дар паҳнои хушкшудаи баҳри Арал ҳаракати нақлиёти дигар имконнопазир аст, – изҳор намуд Азамат Аҷимуротов.

Дар чаҳорчӯби фестивали этнотуризм меҳмонҳо бо таърихи мардуми маҳаллӣ, урфу одат ва анъанаҳо, ҳодисаву воқеаҳое ошно хоҳанд шуд, ки маҳз хоси сокинони минтақаи назди Арал мебошад. Боздид аз осорхонаҳои таърихӣ ва “Моҳидорон”, «Қабристон»-и киштиҳо, воқеъ дар соҳили хушкшудаи баҳри Арал, инчунин хиёбони ҳунармандони Мӯйноқ мусоидат намуд, ки мо бевосита бо таърих, урфу одат, тарзи зиндагии мардуми он аз наздик ошно шавем.

Баъди тамошои манзараҳои дилфиреб ва хотирмон ва суҳбату мулоқотҳо бо мардуми меҳмоннавози Мӯйноқ ин шаҳрро тарк карда, вориди шаҳри Нукус шудем. Дар идомаи сафар аз ноҳияи Элликқалъа, воқеъ дар 170 километрӣ аз Нукус, боздид намудем ва дар маросими 45-солагии таъсиси ин ноҳия ва ҷашни Наврӯз иштирок кардем...

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

*ТОШКАНД – МӮЙНОҚ – НУКУС.*

***Дар рӯзҳои таҷлили ҷашни Наврӯзи оламафрӯз бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Самарқанд чорабинии адабию фарҳангии «Вохӯрии се авлод» баргузор гардид. Қабл аз суҳбат дар атрофи як пиёла чой барои собиқадорони меҳнат саёҳат ташкил ёфт, ки онҳо бо корҳои васеи бунёдкорӣ дар қаламрави ноҳия аз наздик шинос шуданд.***

# НАСИҲАТ ГӮШ КУН, ҶОНО...

Ба пиронсолон маҷмӯаи бузурги сохтмон дар назди ҳавзаи қаикронӣ, ки 8 меҳмонхона, толори анҷуманҳо, корвонсаройи «Шаҳри абадӣ», ки нусхаи шаҳрҳои бостонӣ асту анъанаҳои миллии меъморӣ, наққошӣ, санъати тасвирӣ ва ғайраҳоро инъикос мекунад, таассуроти калон гузошт.

Сипас, онҳо дар маросими кушодашавии бинои нави маъмурии маҳаллаҳои Қуштамғалӣ ва Қозиариқ ширкат варзиданд. Инчунин, боғҳои нави ноҳияро, ки дар асоси «макони сабз» бунёд шуда, ба 14 боғ пайваст гардидаанд, диданд ва ниҳолҳо шинонданд.

Дар тарабхонае дар деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ базми ҷамшедӣ ба вуқуъ пайваст, ки вакилони се авлод ҷамъ омаданд.

Азизабону Зокирова ҳозиронро ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ хайра мақдам гуфта, бо Наврӯзи оламафрӯз табрик карду риштаи суханро ба ҳокими ноҳияи Самарқанд Сироҷиддин Усмонов дод.

— Имрӯзҳо ҳамаи мо зери таъсири табрикоти самимона ва пурмазмуни сарвари давлатамон ба муносибати Наврӯзи Аҷам дар ин тарабхонаи бошукӯҳ ҷамъ омадем, – иброз дошт ҳоким, – ана чанд рӯз аст, ки бо фароғат истироҳат мекунему дар тадбирҳои гуногун дидор ба дидор мерасад. Далели фикри ман вохӯрии се авлод дар базмгоҳи мазкур аст.

Мақсад — насиҳату маслиҳати муфид ва пандомези мӯйсафедони табаррук, рӯзгордида, соҳибтаҷрибаро шунидан мебошад.

Сипас ягона иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Аҳадбобо Очилови 98-сола, раиси шӯрои ҷамоати «Нурониён»-и ноҳияи Самарқанд Саид Мардонов, мудири қабулхонаи Президент дар ноҳия Илҳом Муродов, раиси ҷамоати шаҳрвандони деҳоти Оҳалик А. Раҳматуллоев ва дигарон ба минбар баромада, доир ба сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлатамон ҳарф заданд.

Ба як гурӯҳ фаъолони гузару маҳаллаҳо ифтихорномаҳои ҳокимияти ноҳия ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Мутрибу ҳофизони номдори Самарқанд бо савту наво ва сурудҳои дилнишин табъи ҳозиронро болида сохтанд.

– Чорабинии адабию фарҳангии имрӯза, – гуфт шоир Нормурод Каримзода, – таассуроти калон гузошт. Беихтиёр шоҳбайти Хоҷа Ҳофиз ба хотир меояд:

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно,*
*ки аз ҷон дӯстар доранд,*
*Ҷавонони саодатманд*
*панди пири доноро.*

Дар атрофи як пиёла чой сӯҳбати ниҳоят ҷолиби диққат ва хотирмон ба вуқӯъ пайваст, ки барои насли наврас панди пирон мебошад. Барҳақ гуфтаанд, ки:

*Бе пир марав ту*
*дар амонӣ,*
*Гарчанд Сикандари*
*замонӣ.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# ТӮЙ БО ИД ҲАМОҲАНГ ШУД

Ин шахсро, ки хату саводи арабӣ ва дониши дунёвӣ дошт, аҳли деҳаи Варзик ва берун аз он бо эҳтиром Мулло Ҷӯра ном мебурданд. Фарзанди ин пири маърифатдӯст Холдорҷон низ пайи падари нурониашро зер кард. Мо ин марди донишманд, ваznинтабиату хоксорро аз овони бачагиамон мешинохтем, аммо соҳиби касби омӯзгорӣ будани ӯро дертар дарк намудем. Бино ба нақли писари он шодравон – Камолҷон, Холдорҷон Ҷӯраев баъди солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон Институти муаллимтайёркунии Марғилони вилояти Фарғонаро хатм намуда, ба зодгоҳаш – деҳаи Варзик баргашт. Дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 13-уми деҳаи мазкур чун омӯзгори ҳамқадами давр, дар асоси талаботи замон бо таълиму тарбияи бачагон машғул шуд.

Баробари кор дар мактаб дар бахши ғоибонаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Душанбе таҳсил намуда, малакаву маҳорати педагогиашро баланд бардошт. Зиёда аз 40 сол дар таълимгоҳи дӯстдоштааш ҳазорҳо соҳибони ояндаи касбу ҳунарро ба камол расонд. Аз чандин имтиҳону санҷишҳои ҳаёту соҳаи таълими халқ сарбаландона гузашт.

Муаллими собиқадор Холдорҷон Ҷӯраев, аз ҷумла чун падари ғамхору дилсӯз 14 нафар фарзанд – 5 духтару 9 писарро калон карда, дорои касбу кор, хонаю ҷо намуд. Ин оила дар Варзик яке аз оилаҳои серфарзанд ҳисоб меёфт. Бино бар ин, мо Ҷӯраевро падари қаҳрамон, муаллими қаҳрамон меномидем.

Аз хонадони онҳо Ҳамида, Абдурашид (раҳматӣ) ва Камолҷон касби омӯзгории падарро ба худ пеша карданд. Боз наберагон давомдиҳандаи сулола шуданд.

Камолҷони омӯзгор ваъда дода буд, ки писардор шавад, албатта, ба мардум тӯю тамошо хоҳад дод. Дуою фотиҳаи падараш (марҳум) пазируфта шуду он ба нияташ расид. Камолҷон соҳиби ду духтар ва як писар шуд.

Рӯзҳои наздик наберагони Мулло Ҷӯра Камолҷони омӯзгор ва Илёсҷони корманди тиб хатнасури писаронашонро бо маслиҳату каммасраф гузаронданд. Тантанаю намоишҳои гуногуни дорбозони фарғонагӣ, вазнбардорон, бозиҳои акробатӣ ва баромади қаҳрамонони афсонавии ниқобпӯш, рақсу сурудҳо то дер давом карда, бо иди Наврӯз ҳамоҳанг шуд. Дар он хешовандони хонаводаҳо, аҳли маҳалла, дӯстон ва меҳмонон аз Чуст, Наманган ва Тошканд иштирок карданд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

***Наврӯз ва гиромидошти инсон***



# ҶАШНИ НАВРӮЗИ ШИРБАДАН

Ширбадан яке аз мавзеъҳои хушманзара ва хушбодуҳавои Бухорои шариф буда, он дар самти офтоббарои шаҳри куҳан воқеъ гардидааст. Чи хеле ки Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-яш овардааст, дар ин ҷо дар ду тарафи роҳи калоне, ки аз пеши чорбоғи амир (давраи ҳукмронии Амир Музаффар) мегузашт, сайргоҳи наврӯзӣ воқеъ гардида, он ҷо тантанаҳои наврӯзӣ ба амал меомад. Дар даҳҳо гектар майдон растаҳои тиҷоратӣ, қассобхона, майдони мусобиқаҳою бозиҳои гуногуни халқӣ, ошхона, айвонҳои тамошокунӣ барои амалдорон ва ғайра воқеъ гардида буд. Ба сайргоҳ на фақат аз шаҳру ноҳияҳои наздик, балки аз Хатирчию Нурато барин ҳудудҳои дурдаст низ мардуми зиёд гирд меомадаанд. Дар Ширбадан, ки дар давоми асрҳо наврӯзгоҳи асосии амирони Бухоро маҳсуб меёфт, таҷлили Иди Наврӯз то 70 рӯз идома меёфтааст.

Чоштгоҳии 27 марти соли ҷорӣ ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ширбадан (аз чӣ сабаб бошад, ҳоло онро бар хилофи таълифоти устод Айнӣ «Ширбудин» номидаанд) ба наврӯзгоҳ табдил ёфт. Фарзандони асили ин мавзеъ бо мақсади эҳё кардани анъанаи деринаи бобоёнашон дар ҳамин маҳалла тайёрӣ дида, барои даъватшудагон ҷой ҳозир карданд. Онҳо меҳмонону мизбонони зиёдро ба ҷойи омодакардаашон – қафои бинои панҷошёна бо карнаю сурнай пешвоз гирифтанд. Дастархони рӯйи мизҳоро анвои гуногуни наврӯзӣ пурфайз гардонда буданд. Пешгоҳи давраро мӯйсафедон, собиқадорони меҳнат, кормандони ҳокимиятҳои вилояту шаҳр, фаъолони маҳалла, роҳбарон, олимону журналистон ва санъаткорон зеб медоданд.

Ҳозиронро ҷонишини аввали сардори Садорати дастгирии маҳаллаю собиқадорони меҳнат–раиси шӯрои «Нуронӣ»-и вилоят Самоиддин Ҳусенов, ҳокими шаҳри Бухоро Ҷамол Носиров, адабиётшинос, сармуҳаррири маҷаллаи «Нақшбандия», Корманди шоистаи маданияти Ўзбекистон Султонмурод Олимов, яке аз ташаббускорони ин тадбир дар маҳалла, матншинос, доктори фалсафа оид ба илми таърих Комилҷон Раҳимов ва дигарон бо ҷашни Наврӯз дар маҳалла муборакбод намуданд. Маълум аст, ки Наврӯз ҳамчун иди бузурги аҷдодӣ ва рамзи олии инсондӯстӣ одамонро ба қадршиносии ҳамдигар ва меҳру оқибат ҳидоят месозад. Ҷашнгирии мӯлҷар дар ин айём анъанаи бостонии мост. Аз ин рӯ, иштироккунандагони тадбир собиқадори меҳнат, соҳиби медали «Шӯҳрат» ҳоҷӣ Раҳмат Раҳимовро бо синни муборакӣ 80, устоди мадрасаи олии «Мири Араб», хаттоти машҳур ҳоҷӣ Ғафурҷон Раззоқов, собиқадори меҳнат Самияҳоҷӣ Нуриддинова ва наврасони ҳудудро бо синни муборакӣ мӯлҷарашон табрик намуда, ба онҳо тӯҳфаҳо супориданд.

Мо дар ин тадбир бо бисёр чеҳраҳои шинос рӯ ба рӯ омада, бо баъзеи эшон мулоқот кардем. Коргардони машҳури кино, Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон, фарзанди бовафои Бухорои шариф Бақо Содиқов аз ҷумлаи онҳост. Вай ҳамоно саргарми эҷод буду вақти холӣ надошт. Бештар дар бораи офаридани филмҳо аз хусуси мадрасаи Мири Араб, Ҷомию Навоӣ ва М. Беҳбудӣ фикр мекард. Дар айни замон шод буд, ки баҳри зинда кардани анъанаи ҷашни Наврӯз дар Ширбадан қадам гузоштаанд.

Бояд эътироф намуд, ки дастаҳои ҳунарии «Бухорча», «Ширу шакар» ва «Ситораи Моҳи Хосса» бо суруду рақсҳои анъанавии худ зери роҳбарии Абдурауф Авезов ҷозибаю шукӯҳи Наврӯзи Ширбаданро афзуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 750 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.